№14030/9.1 аз 06.12.2016

Мақомоти ҳудудии андоз

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дар амал дуруст татбиқ намудани тағйиру иловаҳои ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 14 ноябри соли 2016, №1367 воридшуда, чунин дастур медиҳад.

Дар асоси муқаррароти қисми 2 моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 14 ноябри соли 2016, №1367, Қонуни мазкур **аз 01.01.2017** мавриди амал қарор дода мешавад.

Тибқи Қонуни мазкур тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шудааст:

1. Бо назардошти тағйироти охирини Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қисми 1 моддаи 2, зербанди в) банди 23 моддаи 17 ва сархати якуми қисми 1 моддаи 90 калимаи «(Сарқонуни)» хориҷ карда шуд.

2. Аз сархати ҳаштуми қисми 2 моддаи 6, қисми 2 моддаи 29 сархати нуҳуми қисми 4 моддаи 169, қисми 8 моддаи 183, номи фасли XIV ва боби 38, банди 1 қисми 1 ва қисми 2 моддаи 255, қисми 6 моддаи 260, қисми 2 моддаи 290 ва қисми 2 моддаи 293 калимаҳои «нахи пахта ва» ва «НАХИ ПАХТА ВА» хориҷ карда шуд. Яъне, аз Кодекси андоз, андоз аз фурӯши нахи пахта хориҷ карда шуда, бар ивази он бо санади дахлдор боҷи содиротӣ пешбинӣ шуд.

3. Дар сархати панҷуми қисми 9 моддаи 24 рақами «30» ба рақами «15» иваз карда шуд. Бо назардошти ин минбаъд мақомоти андоз ҳангоми муайян намудани нархҳои бозорӣ метавонанд нархеро, ки иштирокчиёни аҳд пешниҳод намудаанд, агар аз нархҳои аҳдҳои вобаста ба молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) шабеҳ (якхела) зиёда аз 15 фоиз фарқ кунад ба мақсади андозбандӣ нархи бозориро татбиқ намоянд.

Дар моддаи 24 инчунин қисми нав (қисми 10) бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«10. Дар ҳолате, ки аз ҷониби андозсупоранда асосҳои кофӣ пешниҳод нашуда бошад, барои мақсадҳои андозбандӣ фарқияти нархҳои фурӯши (бегонакунии) молҳо (корҳо, хизматрасонӣ) аз нархҳои харид ё нархҳои гумрукии воридоти онҳо на кам аз 5 фоиз қабул карда мешавад.».

Яъне, арзиши ба молҳо (корҳо ва хизматрасониҳо) иловашуда (болонархӣ) минбаъд наметавонад аз 5 фоиз кам бошад, ба шарте, ки ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда (вобаста ба паст шудани нархи бозории молҳо (корҳо ва хизматрасониҳо), оид ба моҳияти иқтисодӣ доштани бо нархи харид ва ё аз нархи хариди молҳо нисбатан пасттар фурӯхтани молҳо ва дигар ҳолатҳои асоснок) надошта бошад.

4. Ба қисми 10 моддаи 29 пас аз калимаҳои «такрории маҷмӯӣ» калимаҳои «ва мавзӯӣ» илова карда шуд.

Бо ворид шудани тағйироти мазкур минбаъд аз ҷониби мақомоти андоз барои давраи санҷидашудаи андоз дар баробари манъ будани гузаронидани санҷишҳои такрории маҷмӯӣ, гузаронидани санҷишҳои мавзӯии такрорӣ низ манъ аст (ба истиснои ҳолатҳои муқарраршуда).

5.Дар қисми 4 моддаи 38 пас аз калимаҳои «мебошанд, ки» калимаҳои «интиқоли электронии маълумотро таъмин намуда,» илова карда шуда, калимаҳои «Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти» ба калимаҳои «Мақоми» иваз карда шуд. Тағйироти мазкур мафҳуми мошинҳои назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалиро пурра намуда, таъминкунандаи маълумоти электронӣ будани онро тасдиқ мекунад. Ҳамзамон, бо хориҷ шудани калимаҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд Феҳристи давлатии мошинҳои назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалиро Кумитаи андоз ва дигар мақомоти дахлдор тасдиқ менамояд.

6. Матни моддаи 42 дар таҳрири зерин ифода карда шуд.

«Иҷрои талаботи қонунгузории андоз оид ба баҳисобгирии объектҳои андоз, боҷҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, супорандагон, ҳисоби дуруст, пурра ситонидан ва саривақт ба буҷет гузаронидани андозҳо (боҷҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ), ҷарима ва фоизҳои вобаста ба онҳо аз ҷониби мақомоти ваколатдор таҳти назорати мақомоти ваколатдори давлатӣ қарор дода мешавад.». Яъне, минбаъд дар қатори дигар мақомоти ваколатдор, Кумитаи андоз иҷрои талаботи қонунгузории андозро аз ҷониби Хадамоти гумрук таҳти назорат қарор медиҳад.

7. Ба қисми 3 моддаи 45 пас аз калимаҳои «нишон дода шаванд» калимаҳои «, агар тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад» илова карда шуда, қисми 4 бо мазмуни зерин илова карда шудааст:

«4. Дар огоҳиномаи электронии мақомоти андоз ба андозсупоранда, ки ба суроғаи электронии он илова ба огоҳинома дар шакли коғазӣ фиристода мешавад, бояд рақами мушаххаси андозсупоранда, номи мақомоти андоз, санаи огоҳкунӣ ва матни огоҳинома нишон дода шавад.».

Минбаъд дар баробари ба андозсупоранда дар шакли хаттӣ фиристодани огоҳинома инчунин ба суроғаи электрониаш низ огоҳиномаи электронӣ фиристода мешавад ва дар он бояд рақами мушаххаси андозсупоранда, номи мақомоти андоз, санаи огоҳкунӣ ва матни огоҳинома нишон дода шуда бошад.

8. Ба қисми 2 моддаи 47 пас аз калимаи «баҳисобгириро» калимаҳои «ба забони давлатӣ» илова карда шуд.

Ба забони давлатӣ ба роҳ мондани баҳисобгирӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи забон, баҳисобгирии муҳосибӣ ва молиявӣ ба танзим даровarда шудаанд.

Илова бар ин минбаъд мутобиқ ба талаботи қисми 1 моддаи 51 Кодекси андоз андозсупорандагон (агенти андоз) ё намояндаи онҳо ӯҳдадоранд ҳисоботи андозро дар шакли коғазӣ ё электронӣ бо забони давлатӣ тибқи тартиб ва шаклҳои муқаррарнамудаи Кодекси андоз, тартиб диҳанд.

9. Дар моддаи 65 қисми 5 бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«5. Маблағи ӯҳдадориҳои андози ҳисобшуда, ки барои иҷрои онҳо амалӣ намудани шартҳои махсус зарур мебошад, дар давраи амали чунин шартҳои махсус ҳамчун қарзҳои андози мушкилситон дониста шуда, дар мақомоти андози дахлдор алоҳида ба ҳисоб гирифта мешавад. Шартҳои махсус барои иҷрои чунин ӯҳдадориҳои андоз аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ муайян карда мешаванд.»

Тағйироти мазкур бо мақсади ба тартиб даровардани баҳисобгирии қарзҳои андози мушкилситон, ки имконияти сари вақт ситонидани онҳо мавҷуд намебошад, бо тартиби муайян намудаи Кумитаи андоз пешбинӣ шудааст.

10. Дар қисми 4 моддаи 66 калимаи «ва» ба аломати вергул «,» иваз карда, пас аз калимаҳои «пардохти андозҳо» калимаҳои «ва иҷрои қисми 5 моддаи 65 Кодекси мазкур» илова карда шуд.

Тибқи тағйироти мазкур ҷараёни мӯҳлати даъво дар давраи амали мораторияи санҷиши андозҳо, мӯҳлати батаъхиргузории пардохти андозҳо ва **дар давраи ҳамчун андози мушкилситон дониста шудан** боздошта мешавад.

11. Дар қисми 1 моддаи 75 калимаҳои «андози дар мӯҳлаташ иҷронашуда нисбат ба қарзи андози андозсупоранда, ки дар қисми 2 моддаи 72 Кодекси мазкур муқаррар шудааст» ба калимаҳои «андоз дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми ~~9~~ моддаи 65 Кодекси мазкур ё қарзҳои муқаррарнамудаи қисми 2 моддаи 72 Кодекси мазкур» иваз карда шуд.

Қисми 9 моддаи 65 пешбинӣ намудааст, ки роҳбари мақомоти андоз ҳуқуқ дорад маблағи андозро ҳисоб карда, пардохти фаврии онро то санае, ки маъмулан андоз супорида мешавад, талаб намояд, агар ин чорабинӣ барои таъмини ситонидани андоз зарур бошад ва иттилооти мушаххас мавҷуд бошад, ки агар пардохти фаврии андоз сурат нагирад, андозсупоранда бо роҳи фирор аз ҳудуди кишвар, супоридани дороиҳо ба шахси дигар ё андешидани дигар чораҳое, ки ба ситонидани андоз монеъ мешаванд, аз андозбандӣ канорагирӣ менамояд. Яъне, минбаъд дар ҳолатҳои зикогардида мақомоти андоз мутобиқи Кодекси андоз барои таъмини иҷрои ӯҳдадории андоз метавонад молу мулки чунин андозсупорандаро ҳабс кунад.

12. Аз сархати дуюм моддаи 78 калимаҳои «ва ҳолатҳои дигаре, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад» хориҷ карда шуда, матни модда қисми якум ҳисобида шуда, қисми 2 бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«2. Ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколат дода мешавад, ки дар ҳолатҳои алоҳида қарзҳои андоз, ҷарима ва фоизҳои андозсупорандаро беэътимод эътироф намояд.».

Дар асоси муқаррароти мазкур минбаъд Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад бе назардошти талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2014 №155 дар ҳолатҳои алоҳида қарзҳои андоз, ҷарима ва фоизҳои андозсупорандаро беэътимод эътироф намояд.

13. Ба сархати сеюми қисми 1 моддаи 111 пас аз калимаҳои «ва васли онҳо» калимаҳои «(аз ҷумла, хароҷоти фарқияти манфии қурби асъор ва фоизҳои қарзӣ)» илова карда шуд.

Мутобиқи муқаррароти сархати сеюми қисми 1 моддаи 111 Кодекси андоз аз даромади умумӣ тамоми хароҷоти тасдиқшудаи воқеан анҷомдодаи марбут ба давраи ҳисоботии бо гирифтани чунин даромад алоқаманд, ки дар Кодекси мазкур ва (ё) дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ гардида, ба Кодекси мазкур мухолифат намекунанд, тарҳ карда мешаванд, аз ҷумла хароҷоти тасдиқшудаи вобаста ба хариди ашёи хом, маводҳо, энергияи воқеан дар давраи андоз истифодашуда, ба истиснои ҳароҷоти вобаста ба сохтмон, харидории воситаҳои асосӣ ва васли онҳо (аз ҷумла, хароҷоти фарқияти манфии қурби асъор ва фоизҳои қарзӣ), инчунин дигар хароҷоте, ки мутобиқи моддаи 153 Кодекси мазкур хусусияти асосӣ (капиталӣ) доранд ва хароҷоте, ки мутобиқи моддаи 112 Кодекси мазкур ва дигар муқаррароти ҳамин боб бояд тарҳ нашаванд.

Яъне, тарҳ кардани хароҷоти фарқияти манфии қурби асъор ва фоизҳои қарзии вобаста ба воситаҳои асосӣ аз даромади давраи ҳисоботӣ иҷозат дода нашуда, чунин хароҷотҳо ба арзиши воситаи асосии дахлдор хамроҳ карда шуда, минбаъд ҳангоми ҳисоб намудани истеҳлок тарҳ карда мешавад.

14. Дар қисми 1 моддаи 126 калимаҳои «ба истиснои суди саҳмияҳое, ки ба корхонаҳои резидентии ҳиссаи (саҳми) иштирокчии минтақаи оффшорӣ надошта» ба калимаҳои «ба истиснои суди саҳмияҳои (пардохтҳои ғайриандозии) корхонаҳое, ки тибқи санади меъёрии ҳуқуқии дигар аз фоидаи соф ба буҷети давлатӣ пардохт шуда, андозбандӣ мегардад,» иваз карда шуд.

Бо ворид гардидани тағйироти мазкур минбаъд, ҳамаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки даромад дар шакли суди саҳмияҳо мегиранд, супорандаи андоз аз суди саҳмияҳо ба ҳисоб мераванд ва агенти андоз ӯҳдадораст дар манбаи пардохт андоз аз суди саҳмияҳоро нигоҳ дошта ба буҷети дахлдор пардохт намояд.

Танҳо он шахсони ҳуқуқие, ки андоз аз суди саҳмияҳоро тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.11.2013, №499 ҳамчун пардохтҳои ғайриандозӣ ба буҷети дахлдор пардохт менамоянд, аз

супоридани андоз аз суди саҳмияҳо тибқи моддаи 126 Кодекси андоз озод мебошанд.

Ҳамзамон, бояд қайд намоем, ки андоз аз суди саҳмияҳои барои давраи то санаи 01.01.2017 ҳисоб ва ё пардохт нашудае, ки баъд аз санаи 01.01.2017 ҳисоб ва ё пардохта мешаванд, бояд дар давоми 5 рӯзи корӣ баъди ба охир расидани моҳе, ки дар он пардохтҳо (маблағҳо) супорида шуда буданд, ба буҷет гузаронида шавад.

15. Ба қисми 2 моддаи 127 пас аз калимаҳои «қарзии резидентӣ,» калимаҳои «мақомоти молия,» илова карда шуд. Яъне, фоизҳое, ки ба мақомоти молия барои қарзҳои додашуда пардохт мешаванд, дар манбаи пардохт андозбандӣ намегарданд.

16. Ба қисми 1 моддаи 128 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шуд: «Инчунин бо тартиби мазкур андозбандии даромадҳои ғайрирезидент аз манбаъҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи Кодекси мазкур ба муассисаи доимии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут буда, сари вақт анҷом наёфта, ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи пардохти андоз пешниҳод нашудааст, дар манбаи пардохт амалӣ карда мешавад.».

Мутобиқи талаботи қисми 1 моддаи 128 Кодекси андоз даромади ғайрирезидент аз манбаи воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба муассисаи доимии ҳамин ғайрирезидент дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут намебошад, аз манбаи пардохт ҳамчун даромади умумӣ, бе тарҳи хароҷот (ба истисноӣ тарҳи андоз аз арзиши иловашуда дар ҳолати андозбандӣ мутобиқи моддаи 177 Кодекси мазкур) бояд тибқи меъёрҳои муайяннамудаи қисми 6 ҳамин модда андозбандӣ гардад.

Яъне, тибқи иловаи воридшуда, дар сурате, ки фаъолияти ғайрирезидент мутобиқ ба талаботи моддаи 12 Кодекси андоз муассисаи доирмиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд меораду чунин ғайрирезидент худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун муассисаи доимӣ (филиал, намояндагӣ ва ғайра) ба қайд намегузорад, дар ин ҳолат агенти андоз ӯҳдадор аст андозҳои дахлдорро, ки моддаҳои 128 ва 177 Кодекси андоз пешбинӣ намудааст, дар манбаи пардохт нигоҳ дорад.

17. Аз сархати якуми қисми 3 моддаи 157 калимаҳои «, ки ба коэффитсенти 1,1 зиёд карда шудааст» хориҷ карда шуд. То ворид гардидани тағйироти мазкур пардохти ҷории андози фоида бо назардошти андоз аз фоидаи соли гузашта, ки ба андозаи 10 фоиз зиёд карда шудааст ҳисоб карда мешуд. Минбаъд бошад пардохти ҷорӣ бояд аз маблағи андоз аз фоидаи соли гузашта, ки ба дувоздаҳ қисм тақсим карда шудааст ё аз 1 фоизи даромади моҳи ҳисоботии соли ҷорӣ кам набошад.

18. Дар қисми 2 моддаи 160 калимаҳои «соли тақвимие, ки баъди соли тақвимии» ба калимаҳои «давраи ҳисоботие, ки баъди давраи» иваз карда шуд.

19. Қисми 1 моддаи 161 дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«1. Шахси машғули фаъолияти соҳибкорӣ, ки даромади умумиаш дар давраи пешинаи давомнокиаш на зиёда аз 12 моҳи пурраи муттасили (пай дар пайи) тақвимӣ аз ҳадди даромади як миллион сомонӣ зиёд шудааст, ӯҳдадор аст дар муҳлати на дертар аз 30 рӯзи тақвимӣ ба андозбандӣ тибқи низоми умумӣ гузарад ва ба мақоми андози маҳалли баҳисобгирии худ ҷиҳати бақайдгирӣ барои мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда якҷоя бо ариза барои гузаштан ба андозбандӣ тибқи низоми умумӣ ариза диҳад. Ҳадди даромад барои бақайдгирӣ барои мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда нисбат ба шахсоне, ки дар сархати дуюми қисми 2 моддаи 291 Кодекси мазкур муайян карда шудаанд, татбиқ намегардад ва шахсони мазкур уҳдадоранд на дертар аз 15 рӯзи тақвимӣ пас аз бақайдгирии давлатӣ аризаро пешниҳод намоянд.»;

- дар қисми 2 калимаҳои «солонаи ғайрирезидент» ба калимаҳои «ғайрирезидент дар давраи пешинаи давомнокиаш на зиёда аз 12 моҳи пурраи муттасили (пай дар пайи) тақвимӣ» иваз карда шаванд;

- қисми 4 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«4. Шахсоне, ки дар сархати дуюми қисми 2 моддаи 291 Кодекси мазкур муайян карда шудаанд, аз санаи бақайдгирии давлатӣ ӯҳдадоранд бо мақсади бақайдгирӣ ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда ариза диҳанд.».

20. Дар қисми 2 моддаи 161, сархати якуми қисми 1 моддаи 163, қисми 1 моддаи 289 вақисми 2 моддаи 290 рақам ва калимаҳои «500 ҳазорсомонӣ» бакалимаҳои «як миллион сомонӣ» иваз карда шуд.

21. Сархатҳои якум ва дуюми қисми 6 моддаи 162 дар таҳрири зерин ифода карда шаванд:

«- ҳангоми бақайдгирии ҳатмӣ вобаста ба ҳаҷми даромади умумӣ - аз рӯзи якуми давраи ҳисоботии баъди моҳе, ки дар он даромади умумии андозсупоранда аз ҳадди даромад зиёд шудааст;

- шахсоне, ки дар сархати дуюми қисми 2 моддаи 291 Кодекси мазкур муайян карда шудаанд, - аз санаи бақайдгирии давлатӣ;».

22. Дар моддаи 163:

- дар қисми 1:

- дар сархати якум калимаҳои «соли гузаштаи тақвимӣ» ба калимаҳои «12 моҳи пурраи муттасили (пай дар пайи) тақвимӣ» иваз карда шаванд;

- дар сархати дуюм калимаҳои «3 соли тақвимӣ» ба калимаҳои «36 моҳи тақвимӣ» иваз карда шаванд;

- дар қисми 2 калимаҳои «1-уми январи соли тақвимӣ» ба калимаҳои «рӯзи якуми давраи андозбандӣ, ки баъди давраи аз ҷониби андозсупоранда пешниҳод намудани ариза барои бекор кардани бақайдгирӣ фаро мерасад,» иваз карда шаванд.

Бо назардошти тағйиру иловаҳои дар бандҳои 18-22 мактуби мазкур қайдгардида, минбаъд ӯҳдадории бақайдгирӣ ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда нисбати шахсони ҳуқуқӣ, филиал ва намояндагии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, ки даромади умумиашон дар давраи пешинаи давомнокиаш на зиёда аз 12 моҳи

пурраи муттасили (пай дар пайи) тақвимӣ аз 1 млн.сомонӣ зиёд мешавад (шудааст), аз санаи 1 моҳи баъди моҳи ҳисоботӣ, фаро мерасад. Чунин шахсон ӯҳдадоранд дар муҳлати на дертар аз 30 рӯзи тақвимӣ ба андозбандӣ тибқи низоми умумӣ гузаранд ва ба мақоми андози маҳалли баҳисобгирии худ ҷиҳати бақайдгирӣ барои мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда якҷоя бо ариза барои гузаштан ба андозбандӣ тибқи низоми умумӣ ариза диҳанд.

Ҳамзамон, хотирнишон бояд кард, ки тибқи муқаррароти сархати дуюми қисми 2 моддаи 291 Кодекси андоз фондҳои инвеститсионӣ, иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қиматнок, ташкилоти суғуртавӣ ва қарзӣ, ташкилоти маблағгузории хурд, ломбардҳо, истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ, таҳвилкунандагони алюминийи аввалия, истеҳсолкунандагони маҳсулоти зераксизӣ, ташкилоти миёнаравӣ (дар асоси шартномаҳои комиссия, супориш ва шартномаҳои миёнаравии дигар амалкунанда) наметавонанд субъекти супорандаи андози соддакардашуда бошанд. Субъектҳои соҳаҳои қайдгардида, ки низомҳои махсуси андозбандиро истифода мебаранд, новобаста ба даромади умумиашон ӯҳдадоранд аз санаи мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур яъне, аз 01.01.2017 ба низоми умумии андозбандӣ гузашта, ҳамчун супорандагони андоз аз арзиши иловашуда ба қайд гирифта шаванд. Субъектоне, ки минбаъд барои чунин фаъолият таъсис дода мешаванд, ӯҳдадорандна дертар аз 15 рӯзи тақвимӣ пас аз бақайдгирии давлатӣ, ҳамчун супорандагони низоми умумии андозбандӣ, ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда ба қайд гирифта шаванд.

Бо назардошти тағйироти ба қисми 2 моддаи 261 воридгардида, минбаъд, агар даромади умумии ғайрирезидент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо муассисаи доимии ин ғайрирезидент алоқаманд нест,дар давраи пешинаи давомнокиаш на зиёда аз 12 моҳи пурраи муттасили (пай дар пайи) тақвимӣ аз таҳвили молҳои, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳои дар ҳамин қисми 2 моддаи мазкур пешбинишуда (ба истиснои воридоти молҳо), аз ҳадди як миллион сомонӣ бештар бошад, зимнан гирандагони ин молҳо (кору хизматрасонӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон супорандагони андоз аз арзиши иловашуда намебошанд, чунин ғайрирезидент ӯҳдадор аст бо мақсади бақайдгирӣ ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда ариза диҳад. Яъне, чунин ғайрирезидент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон супорандаи андоз аз арзиши иловашуда эътироф мешавад.

Ҳамзамон, қайд кардан зарур аст, ки супорандагони андоз аз арзиши иловашудаеро, ки даромади умумиашон дар соли 2016 аз 1 млн.сомонӣ кам мебошад ва ҳамчунин бақайдгириашон ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда 36 моҳи тақвимиро гузашта бошад, зарур аст ба низоми соддакардашуда гузаранд.

Бо ин мақсад чунин андозсупорандагонро зарур аст ҷиҳати бекор кардани бақайдгирӣ бо мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда бо ариза ба мақомоти андоз муроҷиат намоянд.

23. Ба моддаи 166 қисми 7 бо мазмуни зерин илова карда шуд.

«7. Арзиши амалиёти андозбандишавандаи молҳои воридшуда наметавонад аз арзиши воридоти андозбандишаванда кам бошад. Ҳангоми вуҷуд доштани фарқияти манфии арзиши амалиёти андозбандишавандаи моли воридшуда, чунин фарқияти манфӣ барои ҳисобкунии андоз аз арзиши иловашуда баробари сифр қабул карда мешавад.».

Яъне, дар сурате, ки моли воридшуда бо дилхоҳ сабаб аз арзиши барасмиётдарории гумрукӣ нисбатан пастар таҳвил дода шуда бошад, бо мақсади андозбандӣ арзиши таҳвили чунин мол ба арзиши гумрукии барасмиятдаровардашуда баробар буда, дар эъломияи андоз аз арзиши иловашуда низ арзиши гумрукии мол нишон дода шуда, бо меъёри барасмияти гумрукӣ даровардашуда андозбандӣ карда мешавад.

24. Дар сархати даҳуми қисми 4 моддаи 169 пас аз калимаи «инчунин» калимаҳои «арзиши хизматрасонии таъмир ва» илова карда шуд.

Тибқи муқаррароти сархати даҳуми қисми 4 моддаи 169 воридоти техникаи ҳарбӣ, агрегатҳои асосӣ, силоҳ, лавозимоти ҷангӣ ва дастгоҳҳои парвозкунандаи таъиноти мудофиавидошта аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешуд, минбаъд воридоти арзиши хизматрасонии таъмир ва қисмҳои эҳтиётӣ ба онҳо низ аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд.

25. Дар қисми 2 моддаи 181 калимаҳои «То 1-уми январи соли 2016 ҳамаи муомилоти андозбандишавандаи корхонаҳои соҳаи хӯроки умумӣ, корхонаҳои савдои яклухт ва чакана, маҳсулоттайёркунӣ, таъминотию фурӯш, корхонаҳои сохтмонӣ, муассисаҳои таълимӣ» ба калимаҳои «Аз 1 январи соли 2017 то 31 декабри соли 2018 амалиёти андозбандишаванда вобаста ба иҷрои корҳои сохтмонӣ, расонидани хизматҳои хӯроки умумӣ ва таълимӣ» иваз карда шуд.

Бо назардошти тағйироти воридшуда, минбаъд то 31 декабри соли 2018 амалиёти бо андоз аз арзиши иловашуда андозбандишавандаи тамоми супорандагони андоз аз арзиши иловашуда дар самтҳои фаъолияти иҷрои корҳои сохтмонӣ, расонидани хизматҳои хӯроки умумӣ ва таълимӣ бо меъёри пасткардашуда (5 фоиза) андозбандӣ карда мешавад.

Чунин андозсупорандагон дар самти фаъолияти иҷрои корҳои сохтмонӣ, расонидани хизматҳои хӯроки умумӣ ва таълимӣҳуқуқи ба ҳисоб гирифтани андоз аз арзиши иловашудаи ҳангоми хариди молҳо (корҳо ва хизматрасониҳо) пардохташударо надоранд. Онҳо танҳо андоз аз арзиши иловашудаи ҳангоми барасмиятдарории молҳои воридшуда пардохташударо ҳуқуқ доранд ба ҳисоб гиранд. Таҳвили минбаъдаи чунин молҳои воридшуда бо меъёре, ки бо андоз аз арзиши иловашуда

ҳангоми барасмиятдарории гумрукӣ андозбандӣ шудаанд (ба истисонои озод), андозбандӣ карда мешаванд. Дар чунин сурат бояд тибқи талаботи моддаи 49 Кодекси андоз баҳисобгирии ҷудогонаи объектҳои андозбандиро (муомилоти андозбандишаванда ва воридоти андозбандишавандаро) аз рӯи ин намудҳои фаъолият амалӣ карда шавад.

Ҳангоми ба дигар мол табдил додани молҳои дар натиҷаи воридоти андозбандишаванда ва амалиёти андозбандишаванда харидоришуда, ҳиссаи таҳвили минбаъдаи чунин моли дигар мутаносибан ба вазни қиёсии молҳои воридшуда дар ҳаҷми умумии харид бо меъёри стандартӣ андозбандӣ гардида, ҳиссаи боқимондаи таҳвили чунин моли дигар бо меъёри пасткардашуда андозбандӣ карда мешавад.

26. Дар моддаи 186:

- аз қисми 1 калимаҳои «(ба истисноі супорандагони андози аксиз, ки супорандагони андоз аз арзиши иловашуда намебошанд)» хориҷ карда шуд;

- дар сархати шашуми қисми 2 калимаи «молҳои» ба калимаҳои «молҳо ва ҳизматрасониҳои» иваз карда шуд;

- қисмҳои 3, 4 ва 5 дар таҳрири зерин ифода карда шуданд:

«3. Ҳисобнома-фактура дар шакли электронӣ тартибдодашуда (навишта шуда), ба гиранда (харидор, фармоишгар)-и молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) - супорандаи андоз аз арзиши иловашуда дар шакли электронӣ ва ба шахсони дигар, ки супорандаи андоз аз арзиши иловашуда намебошанд (ба истисноі фурӯши чакана), ҳисобнома-фактураи содда дар шакли электронӣ ва нусхаи чопии он дода мешавад.

4. Нусхаҳои чопии ҳисобнома-фактураҳои гирифташуда танҳо аз ҷониби шахсоне, ки дар Кодекси мазкур пешбинӣ шудаанд, метавонанд ба эъломияи андоз аз арзиши иловашуда замима карда шаванд.

5. Ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳои дар шакли электронӣ тартибдодашуда (навишташуда) дар китоби бақайдгирии ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳои навишташудаи андозсупоранда ва ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳои дар шакли электронӣ гирифташуда дар китоби бақайдгирии ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳои гирифташудаи андозсупоранда ба қайд гирифта мешаванд. Нусхаҳои чопии ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳои дар шакли электронӣ навишташуда ва гирифташуда дар ҳуҷҷатҳои муҳосибавии андозсупоранда нигоҳ дошта мешаванд.»;

- қисмҳои 6 ва 9 хориҷ карда шуданд;

- дар қисми 7 калима ва рақамҳои «қисмҳои 5 ва 6» ба калима ва рақами «қисми 5» иваз карда шуда, ҷумлаи дуюм дар таҳрири зерин ифода карда шуд: «Китобҳои дар боло зикргардида аз ҷониби андозсупоранда дар ҳомилҳои электронӣ ва коғазӣ пеш бурда мешаванд.»;

қисми 8 дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«8. Ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо (аз ҷумла, ҳисобнома-фактураи содда) дорои силсила ва рақами дахлдор буда, аз ҷониби андозсупоранда бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар шакли электронӣ тартиб дода (навишта) мешавад.»;

- дар қисми 10 калимаҳои «роҳбар ва (ё) сармуҳосиби таҳвилгар ё дигар шахсони» ба калимаҳои «электронии шахсӣ» иваз карда шуданд;

- аз қисми 11 ҷумлаҳои дуюм ва сеюм хориҷ карда шуд;

- ба сархати якуми қисми 14 пас аз калимаҳои «хизматрасониҳои коммуналӣ» калимаҳои «ба аҳолӣ (аз ҷумла таҳвили неруи барқ, неруи гармӣ, об, гази табиӣ ва дигар хизматрасониҳо)» илова карда шуд;

- қисми 15 дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«15. Ҳангоми таҳвили чаканаи молҳо, иҷрои корҳо ё хизматрасониҳо ба харидорони ниҳоие, ки супорандаи андоз аз арзиши иловашуда нестанд, бар ивази ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо расид (квитансия) (ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ тавассути ташкилоти қарзӣ) ё чиптаи мошинаи назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ (ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ бо пули нақд) дода мешавад. Барои мақсадҳои қисми мазкур фурӯши чакана ҳамчун таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ бо нархи бозорӣ дониста мешавад, ки барои истифодаи шахсӣ, манзилӣ ё истеъмолӣ таъин гардидааст.»;

- қисмҳои 7, 8, 10, 11, 12, 13, 14, 15 ва 16 мувофиқан қисмҳои 6, 7, 8, 9, 10, 11, 12, 13 ва 14 ҳисобида шуд.

Тағйиру иловаҳои ба моддаи 186 воридшуда асосан бо мақсади мутобиқсозии қонунгузорӣ вобаста ба бекор кардани шакли коғазӣ ва ҷорӣ намудани шакли электронии ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо пешбинӣ шудааст. Ҳамзамон пешбинӣ шудааст, ки ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳои дар шакли электронӣ таҳия шуда барои нигоҳдорӣ дар ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ дар шакли коғазӣ ба чоп расонида шуда, дар муҳосибот нигоҳ дошта мешаванд. Инчунин, таҳия ва ба мизоҷон пешниҳод намудани шакли электронии ҳисобнома-фактураҳои соддаи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо муайян карда шуд.

Ҳамчунин, дар қисми 15 моддаи 186 пешбинӣ карда шуд, ки барои мақсадҳои қисми мазкур фурӯши чакана ҳамчун таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ бо нархи бозорӣ дониста мешавад, ки барои истифодаи шахсӣ, манзилӣ ё истеъмолӣ таъин гардидааст.

27. Аз қисми 2 моддаи 189 ҷумлаи дуюм хориҷ карда шавад. Тағйироти мазкур моҳияти таҳрирӣ дошта, бо назардошти бекор шудани шакли чорнусхагии ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда, ҷумлаи дуюми ин қисм хориҷ карда шудааст.

28. Қисми 1 моддаи 211 матни модда ҳисобида шуда, қисми 2 хориҷ карда шуд. Бо назардошти он ки минбаъд истеҳсолкунандагони

маҳсулоти зераксизӣ, супорандаи андози низоми соддакардашуда буда наметавонанд ва онҳо ҳатман супорандаи андоз аз арзиши иловашуда мебошанд, муқаррароти қисми 2 моддаи мазкур хориҷ карда шуд.

29. Ба сархати дуюми қисми 4 моддаи 220 пас аз калимаҳои «хоҷагидории худ» калимаҳои «ва беҳтар гардонидани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ» илова карда шуд. Яъне, истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзие, ки обҳои зеризаминиро барои беҳтар гардонидани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ истихроҷ менамоянд, минбаъд андозҳо аз истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ намесупоранд.

30. Дар қисми 3 моддаи 221 калимаи «3-каратаи» ба калимаи «2-каратаи» иваз карда шуд.Мутобиқи талаботи қисми мазкур истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ бе бастани қарордод иҷозат дода намешавад. Ҳангоми истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ бе бастани қарордод андозҳо аз истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ (бонусҳо ва роялти барои истихроҷ) барои ҳамаи давраи чунин фаъолият бояд бо меъёри 2-каратаи меъёрҳое, ки Кодекси мазкур муқаррар кардааст, пардохт карда шавад.

31. Аз қисми 1 моддаи 258 калимаҳои «ва ассотсиатсияи пахтаи Ливерпул» хориҷ карда шаванд.

32. Қисми 1 моддаи 259 дар таҳрири зеринифода карда шуд:

«1. Меъёри андоз аз фурӯш барои алюминийи аввалия нисбат ба манбаи андози муайяннамудаи қисмҳои 1-3 моддаи 258 Кодекси мазкур ба андозаи 3 фоиз муқаррар карда мешавад:».

33. Аз моддаи 260 қисми 8 хориҷ карда шуда, қисми 9 қисми 8 ҳисобида шуд.

Тағйироти бандҳои 31-33 мактуби мазкур моҳияти таҳрирӣ дошта, вобаста ба хориҷ шудани андоз аз фурӯши нахи пахта, тағйир дода шудааст.

34. Дар ҷадвали қисми 1 моддаи 266 сатри дуюм хориҷ карда шуда, сатри сеюм дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

| | |
|---|---|
| Автомобилҳои сабукрав:<br>- то 250 қувваи асп<br>- аз 250 то 300 қувваи асп<br>- аз 300 то 350 қувваи асп<br>- зиёда аз 350 қувваи асп | <br>7,5<br>10<br>12<br>15 |

Дар сархати дуюми ҷадвали қисми 1 моддаи 266 меъёри андоз аз воситаҳои нақлиёт барои фургонҳо ва пикап дар заминаи автомобилҳои сабукрав ба андозаи 6 нисбат ба нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар шуда буд, ки тибқи тағйиру иловаҳои мазкур хориҷ карда шуд.

Сатри сеюми ҷадвали қисми 1 моддаи 266 тағйир дода шуда, меъёри андоз аз воситаҳои нақлиёт барои автомобилҳои сабукрав ба чор гурӯҳ ҷудо карда шуд.

Минбаъд барои тамоми намуди автомобилҳои сабукрав, аз ҷумла барои фургонҳо ва пикап дар заминаи автомобилҳои сабукрав меъёри андоз вобаста ба иқтидори муҳаррик то 250 қувваи асп бе тағйир ба андозаи 7,5 нишондиҳанда барои ҳисобҳо боқӣ монда, аз 250 то 300 қувваи асп 10 фоиз, аз 300 то 350 қувваи асп 12 фоиз ва зиёда аз 350 қувваи асп 15 фоизи нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар карда шуд.

Ҳамзамон, бояд хотиррасон намуд, ки нишондиҳанда барои ҳисобҳо тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бути давлатии Ҷумҳурии Тоҷикитсон барои соли 2017" аз 01.01.2017 ба андозаи 50 сомонӣ пешбинӣ шудааст.

35. Дар қисмҳои 4 ва 5 моддаи 279 калима ва рақамҳои «қисмҳои 2 ва 3» ба калима ва рақами «қисми 2» иваз карда шуд. Тағйироти мазкур моҳияти таҳрирӣ дошта барои аз байн бурдани гуногунфаҳмӣ машаххас гардонида шудааст.

36. Дар моддаи 291:

-ба қисми 2 сархати дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- фондҳои инвеститсионӣ, иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қиматнок, ташкилоти суғуртавӣ ва қарзӣ, ташкилоти маблағгузории хурд, ломбардҳо, истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ, таҳвилкунандагони алюминийи аввалия, истеҳсолкунандагони маҳсулоти зераксизӣ, ташкилоти миёнаравӣ (дар асоси шартномаҳои комиссия, супориш ва шартномаҳои миёнаравии дигар амалкунанда). Субъектҳои мазкур, ки низомҳои махсуси андозбандиро истифода мебаранд, ӯҳдадоранд аз санаи мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур ба низоми умумии андозбандӣ гузашта, ҳамчун супорандагони андоз аз арзиши иловашуда ба қайд гирифта шаванд;»;

- аз қисми 3 калимаҳои «аз 1-уми январи соли тақвимӣ» хориҷ карда шаванд;

- сархатҳои якум ва дуюми қисми 3 дар таҳрири зеринифода карда шаванд:

«- агар аз рӯйи натиҷаҳои дар давраи пешинаи давомнокиаш на зиёда аз 12 моҳи пурраи муттасили (пай дар пайи) тақвимии гузашта даромади умумии андозсупорандаи истифодабарандаи низоми умумии андоз аз ҳадди даромад кам бошад ва агар баъди гузариши охирон аз системаи соддакардашудаи андоз ба низоми умумии андоз 36 моҳи тақвимӣ гузашта бошад, андозсупорандаи мазкур ӯҳдадор аст дар мӯҳлати на зиёда аз 10 рӯзи тақвимӣ ба таври хаттӣ мақомоти андози маҳалли баҳисобгириашро оид ба ҳаҷми даромади худ хабардор созад ва доир ба гузариш ба андози низоми соддакардашуда ариза диҳад;

- агар дар давраи пешинаи давомнокиаш на зиёда аз 12 моҳи пурраи муттасили (пай дар пайи) тақвимии гузашта даромади умумии андозсупорандаи истифодабарандаи андози низоми соддакардашуда (бо дарназардошти даромадҳои дигаре, ки дар ҳолати истифодабарии низомҳои дигари андозбандӣ ба даст омадаанд) аз ҳадди даромад зиёд бошад, андозсупорандаи мазкур ӯҳдадор аст дар мӯҳлати на зиёда аз 10

рӯзи тақвимӣ бо тариқи хаттӣ мақомоти андози маҳалли баҳисобгириашро оид ба ҳаҷми даромади умумии худ хабардор созад ва доир ба гузариш ба низоми умумии андоз ариза диҳад;»;

Вобаста ба тағйироти банди мазкур дар бандҳои 18-22 мактуб шарҳи муфассал дода шудааст.

37. Дар моддаи 313:

- ба қисми 7 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шуд: «Бо ин мақсад ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо мақоми ваколатдори давлатӣ ваколат дода мешавад, ки бо қабули санади дахлдор имтиёзҳои додашударо қатъ намоянд.»;

- ба қисми 8 пас аз калимаҳои «навтаъсис баъд аз» калимаҳои «иҷрои талаботи қисми 5 моддаи мазкур ва» илова карда шаванд.

Тибқи иловаи мазкур минбаъд Вазорати молия дар якҷоягӣ бо Кумитаи андоз дар сурати аз ҷониби корхонаи навтаъсис дар мӯҳлатҳои барои онҳо муқаррарнамуда барои таъсис додани силсилаи минбаъдаи коркард шурӯъ накунанд, метавонанд имтиёзҳои андозии пешбининамудаи ҳамин моддаро нисбати онҳо қатъ намоянд.

38. Аз қисми 1 моддаи 325 калимаҳои «андоз ва ӯҳдадориҳои агентӣ» хориҷ карда шуд.

Бо назардошти тағйироти воридшуда минбаъд субъектҳои минтақаи озоди иқтисодӣ ва маъмурияти минтақаи озоди иқтисодӣ дар доираи фаъолияти дар минтақаи озоди иқтисодӣ амалишаванда ва молу мулки истифодашаванда ӯҳдадоранд, тибқи талаботи моддаи 125 Кодекси андоз вазифаҳои агенти андозро доир ба хама намуди андозҳо дар манбаи пардохт иҷро намоянд.

Инчунин тибқи қисми 1 моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 14 ноябри соли 2016, №1367, муқаррар шудааст, ки "Амали қисми 4 моддаи 115 то 31 декабри соли 2018 боздошта шавад.". Тибқи талаботи қисми 4 моддаи 115 ҳиссаҷудокуниҳо аз рӯи қарзҳое, ки дар захира зиёда аз 2 сол пас аз анҷом ёфтани мӯҳлати пешбининамудаи шартномаи қарзӣ нигоҳ дошта шудаанд, бояд ба даромади бонкҳо, ширкатҳои қарзӣ ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурди зикршуда дохил карда мешуд. Бо назардошти муқаррароти қисми 1 моддаи 2 Қонуни мазкур то 30 декабри соли 2018 ин амал боз дошта шудааст.

Раис Н. Давлатзода